Тақриз

ба автореферати Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна дар мавзӯи “Шароитҳои психологӣ-педагогии тарбияи одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01.-педагогикаи умумӣ,таърихи педагогика ва таҳсилот (педагогикаи умумӣ) пешниҳод гардидааст.

Тарбия намудани одоби муошират яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои таҳсилотӣ ва хонавода буда шаклгирии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии инсонро дар ҳамаи зинаҳои инкишофи синнусолӣ таъмин менамояд.Маҳдудияти одоби муошират мавқеи шахсии одамро дар байни калонсолону ҳамсолон паст зада сабаби ба вуҷуд омадани дигар ноқисиҳои рафтор гардида метавонад.

Тарбия намудани одоби муошират раванди мураккаб,печида ва дуру дароз буда он аз давраи томактабӣ мураббия ва дар оила волидон ба хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии кӯдакон такя менамоянд.

Муҳаққиқ Ҷалолова Г.С дар кори татқиқотии худ асосҳои илмӣ-назариявии тарбияи одоби муошират дар кӯдаконро зимни таҳлили татқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ баррасӣ намуда робитаи психологӣ-педагогии азхудкунии одоби муоширатро асоснок кардааст.

Хеле арзишманд аст, ки хусусиятҳои шаклгирии одоби муошират,зери таъсиррасонии мақсадноки калонсолон мувофиқи синнусоли барвақти бачагӣ (то 3 солагӣ) ва томактабӣ (6-7солагӣ) арзёбӣ карда шудааст.

Ин амал гувоҳи он аст,ки муҳаққиқ бо баробари омӯхтану таҳлил намудани адабиётҳои илмӣ-назариявӣ таҷрибаи бои корӣ низ дорад,ба заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномавӣ-методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ маълумоти комил дорад.

Таҳлили шаклҳои ташкили кор ва роҳу воситаҳои самарабахши тарбия намудани одоби муошират,ки чун технологияи таъсиррасонӣ ба шахсияти кӯдакон ва баланд бардоштани фарҳанги тарбиявии волидон пешниҳод гардидааст,дастоварду муҳимтарини муаллифи мебошад.Баланд бардоштани фарҳанги педагогии волидон ба амалӣ гардидани Қонун Ҷумҳури Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падар дар таълиму тарбияи фарзанд" мусоидат менамояд.Интихоби методҳои татқиқотӣ ба мақсаду вазифаҳои интихобкардаи муҳаққиқ мувофиқат менамояд.Натиҷаи аз кори татқиқотӣ хеле назаррас таҳлилу баррасӣ карда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳои илмӣ-методии пешниҳодшуда ба пешрафти назария ва методикаи таълим,тарбия ва инкишофи шахсияти кӯдакони синни томактабӣ мусоидат хоҳад кард.

Норасоиҳои техникӣ,илмӣ,ки дар матни автореферат арзи вуҷуд доранд арзиши илмии кори татқиқотии Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна дар мавзӯи "Шароитҳои психологӣ-педагогии тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ" паст намекунад ва он кори баанҷомрасидаи илмӣ буда барои дифоъ намудан ва сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ гардидан аз рӯи ихтисоси 13.00.01 тавсия карда мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
ҷонишини сардори Сарраёсати
маорифи шаҳри Душанбе Бобохонова Ситора Сафаралиевна

Имзои Ситора Сафаралиевна Бобохонова-ро
тасдиқ мекунам
Сардори шӯъбаи кадрҳои Сарраёсати
маорифи шаҳри Душанбе Самиев Ҷумахон